# ТАҚРИЗ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Масъалаҳои вобаста ба об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар қарни ҷорӣ мубрам ва ҳаётӣ маҳсуб ёфта, дарёфти роҳу василаҳои таъмини дастрасии комили ҷомеа ба оби тозаи ошомиданӣ ва амнияти обӣ заминаи бунёдии рушди устувор ба ҳисоб меравад.

Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи минтақаҳое маҳсуб меёбад, ки масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои шомили он аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бо дарназардошти ин, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои сиёсии вобаста ба об ва ҷойгоҳи омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ дар ин минтақа хеле мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Мубрамияти масъалаи мазкур махсусан дар раванди тағйирёбии иқлим ва беш аз пеш коҳиш ёфтани захираҳои оби минтақавӣ бамаротиб зиёд гардида, таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаро тақозо менамояд.

Тадқиқоти диссертатсионии Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» маҳз фарогири масъалаи мазкур буда, хеле мубрам, саривақтӣ ва зарур мебошад. Сохтори диссератасия аз сарсухан, панҷ боб, сенздаҳ зербоб, хулоса, феҳристи интишороти муаллиф, рӯйхати адабиёту сарчашмаҳо ва замимаҳо иборат мебошад.

Тавре маълум аст, ҳанӯз аз оғози қарни ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилоти вобаста ба обро аз мубрамтарин масъалаҳои садсолаи навин арзёбӣ намуда, барои ҳалли он ва таъмини дастрасии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва шароити мусоиди беҳдошт муттаҳид намудани талошҳои ҳамаи ҷонибҳоро дар ин самт зарур арзёбӣ намуда буд.

Дар ин замина, ҷониби Тоҷикистон талошҳои худро дар соҳаи об бомаром идома дода, маҷмуи ташаббусҳои байналмилалиро манзури ҷомеаи ҷаҳонӣ намуд ва ҳадафҳои натиҷабахшро дар амал татбиқ сохт.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қувватзода Сайдулло Зувайд маҳз дар заминаи ҳамин ташаббусҳо сурат гирифта, асосҳои илмии онро мушаххас ва сохторбандӣ намуда, дурнамои омӯзиши онро муайян кардааст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши онро асоснок намудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот объект, предмет, мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ифода ёфтаанд.

Муаллиф навгонии илмии таҳқиқотро дар он пешниҳод намудааст, ки сиёсати об бори нахуст ба таври васеъ ва системавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, қисмҳои таркибии он – низоъҳои обӣ, дипломатияи об ва гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ омӯхта шудаанд.

Муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои таърихию назариявӣ, консептуалӣ, заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии ташаккули сиёсати об, мушкилоти об, дипломатияи об, низоъҳои обӣ ва нақши Тоҷикистонро дар ташаккули сиёсати об мавриди пажуҳиш қарор дода, дар заминаи он пешниҳоду тавсияҳои илман асоснокшуда манзур намудааст. Қувватзода С. З. дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои нави сиёсии вобаста ба обро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври мушаххас омӯхта, омили обро дар ҳамгироии минтақавӣ мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ – методологии таҳқиқи сиёсати об дар шароити муосир» номгузорӣ шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои назариявию методологии тадқиқи сиёсати об, ҷанбаҳои таърихии он, ҷойгоҳи масоили вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонӣ, моҳияти он ва асосҳои консептуалии омӯзиши сиёсати обро дар заминаи афкори сиёсӣ ва адабиёти гуногуни илмӣ таҳқиқ намуда, ба таври муназзам таркиббандӣ намудааст. Аҳамамияти махсус ба омили об дар

пайдоиши давлат ҳамчун ниҳоди асосии системаи сиёсӣ равона гардидааст, ки онро муаллиф бо далелҳои муътамад асоснок сохтааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Сиёсати об ва моҳияти он дар замони соҳибистиқлолии давлатҳои Осиёи Марказӣ», ки аз се зербоб таркиб ёфтааст заминаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалии сиёсати об дар Осиёи Марказӣ дар замони соҳибистиқлолии кишварҳои шомили он мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Бо дарназардошти доштани ҳавзаи ягонаи обӣ ва вобастагии байнидавлатӣ дар соҳаи об омили об дар муносибатҳои минтақавӣ ва байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи хосса дошта, мавриди арзёбӣ ва баррасии доимии ҷонибҳои гуногунарса қарор дорад.

Ҳамзамон, кишварҳои минтақа дорои мушкилоти умумиминтақавии гидроэкологӣ ба монанди баҳри Арал буда, таъсири манфии он ба ҳаёти осоиштаи сокинони ҳамаи давлатҳои он расида истодааст. Дар ин замина, талошҳои муштарак ва ҳамгироии минтақавию байналмилалӣ зарур шуморида шудааст.

Дар ин боб муаллиф ҳамгунасозии санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи обро дар сатҳи минтақавӣ зарур арзёбӣ намудааст ва онро шарти асосии ҳалли мушкилоти байнидавлатӣ дар самти истифодаи муштараки захираҳои об донистааст.

Боби сеюми диссертатсия «Низоъҳои вобаста ба об дар замони соҳибистиқлолии кишварҳои Осиёи Марказӣ» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар ин боби диссертатсия мафҳум, таърихи пайдоиш, моҳият ва сабабу омилҳои сар задани низоъҳои обӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таъкид гардидааст, ки об яке аз захираҳои табиие мебошад, ки ҳамеша миёни ҷонибҳои гуногун рақобат барои идоракунӣ ва азхудкунии он ҷой дорад.

Бо сабаби он, ки талабот ба об, алалхусус талабот ба оби тозаи ошомиданӣ ва кишоварзӣ тамоюли рӯзафзун дорад ва имкони пурра қонеъ намудани тамоми ниёзҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он вуҷуд надорад, кушши

дастрасӣ ба он дар ҳолатҳои алоҳида боиси ба вуҷуд омадани низоъҳо мегардад.

Вобаста ба низоъҳо ва ихтилофоти байнидавлатию минтақавӣ дар соҳаи об дар Осиёи Марказӣ муаллиф қайд намудааст, ки давлатҳои минтақа болои захираҳои об манфиатҳои мухталиф доранд. Бо назардошти мавқеи ҷойгиршавии захираҳои об давлатҳои Осиёи Марказӣ ба кишварҳои болооб ва поёноб ва гидроднору вобастаи обӣ ҷудо гардидаанд. Захираҳои оби минтақа асосан дар кишварҳои болооб ташаккул меёбанд, вале истеъмолкунандаи асосии он давлатҳои поёноб мебошанд. Инчунин, давлатҳои поёноб манфиатдори истифодаи бештари захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ буда, давлатҳои болооб ниёзманди истифодаи захираҳои об барои истеҳсоли неруи барқ мебошанд. Чунин воқеият боиси дар ҳолатҳои алоҳида сар задани низоъҳо ва ихтилофҳои вобаста ба об дар минтақа гардидааст.

Боби чаҳоруми диссертатсия «Дипломатияи об ва хусусиятҳои асосии он» ном дошта, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар ин боби диссертатсия муаллиф заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули дипломатияи об, мақоми дипломатияи об дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷойгоҳи «Раванди оби Душанбе»-ро дар ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Муаллиф мафҳуми «дипломатияи об»-ро шарҳу тавзеҳ дода, қайд намудааст, ки он шаклан падидаи нав, вале мазмунан падидаи таърихӣ буда, дар ҳамаи даврахои таърихӣ дар муносибатҳои ҷонибҳои гуногунарсаи дорои вобастагиҳо ва умумиятҳои обӣ ба таври васеъ истифода гардидааст.

Қувватзода С. З. ташаккули муносибатҳои дипломатиро дар соҳаи об дар Осиёи Марказӣ беш аз ҳар вақти дигар зарур шуморида, онро асоси ҳифзи амнияту субот арзёбӣ кардааст. Дар ин замина, қайд гардидааст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои ҳавзаи ягонаи обӣ буда, омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ дар минтақа аҳамияти ҳаётӣ дорад. Ҳаёти осоишта ва суботу амнияти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар минтақа бе ҳамкориҳои байнидавлатию минтақавӣ дар соҳаи об ва ташаккули дипломатияи об ғайриимкон мебошад.

Таваҷҷуҳи махсусро муаллиф ба «Раванди оби Душанбе» равона намуда, ҷойгоҳи онро дар ҳамгироии минтақавию байналмилалӣ дар соҳаи об ва рушди дипломатияи об зарур арзёбӣ намуда, онро ҳамчун заминаи устувори институтсионалӣ ва платформаи муосири пешбурди сиёсти об маънидод намудааст.

Дар боби панҷуми диссертатсия «Дурнамои рушди сиёсати об дар минтақаи Осиёи Марказӣ», ки аз ду зербоб таркиб ёфтааст дурнамои муносибатҳои байнидавлатии обии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар раванди тағйирёбии иқлим ва асосноксозии зарурати омӯзиши «Гидрополитика» ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ ва дар заминаи он ҳамчун фанни алоҳидаи таълимӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки захираҳои оби минтақа маҳфӯз дар хушкӣ буда, дар раванди тағйирёбии иқлим осебпазир маҳсуб меёбанд ва камшавии захираҳои об ба мураккабшавии муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар соҳаи об оварда мерасонад. Сиёсати давлатӣ вобаста ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва банақшагирӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ бояд ба муносибати маҷмуйӣ ба тағйирёбии иқлим ва идоракунии об асос ёбад. Афзоиши нарасидани об ва зарурати қонеъ гардонидани талаботи оянда ба об қабули қарорҳои асоснокшуда ва воқеиро дар бораи тақсими захираҳои об ба истифодаи алтернативии об, аз ҷумла барои коҳиш додани тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ талаб мекунад. Муносибат ба идоракунии захираҳои об бояд аз нуқтаи назари устувории он ба тағирёбии иқлим таҳлил карда шавад.

Дар ин боб муаллиф объект, предмет, вазифаҳо, категорияҳо, қонуниятҳо ва методҳои гидрополитикаро ҳамчун фанни алоҳидаи таълимӣ ва шохаи нави илмҳои сиёсӣ аз лиҳози илмӣ ва сохторбандӣ асоснок намудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки ба таври мунтазам омӯхтани масъалаҳои сиёсии вобаста ба об дар доираи барномаи мукаммал ва системавӣ зарур мебошад. Маълум аст, ки таҳияи тадбирҳои гидрополитикӣ ва истифодаи об бояд бо дарназардошт ва дар формати стратегияи муайян сурат гирад. Стратегияи мазкур бояд фарогири таҳлили ҳаматарафа ва нақшаи мувофиқи он қабулшуда бошад, ки дар он усулҳо ва пайдарҳамии

амалҳое, ки ба ноил шудан ба мақсади муайян нигаронида шудаанд, коркард гардад.

Дар хотимаи диссертатсия хулоса ва пешниҳоду тавсияҳо оварда шудааст, ки натиҷаи кори таҳқиқотӣ мебошад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия таҳлили сиёсати об ва хусусиятҳои он дар Осиёи Марказӣ ва инчунин сиёсати миллӣ, байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои минтақа дар соҳаи об нишон дод, ки он аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Бо назардошти доштани ҳавзаи ягонаи обӣ ва вобастагии зиёди байнидавлатӣ дар ин самт миёни кишварҳои минтақа талошҳои зиёд ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаи об дар сатҳи байнидавлатӣ ва минтақавӣ анҷом дода шудаанд ва дар минтақа унсурҳои таркибии шакли классикӣ ва муосири дипломатияи об ба таври назаррас ташаккул ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Қувватзода С. З. фарогири масъалаи муҳими илмӣ дар сохтори илмҳои сиёсӣ маҳсуб ёфта, падидаи нави илмӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши сиёсати об, таркиби он, аз ҷумла дипломатияи об, низоъҳои обӣ ва ба системаи муайян даровардани донишҳои сиёсӣ вобаста ба об ва дар шакли фанни алоҳидаи таълимӣ ва шохаи нави илмҳои сиёсӣ пешниҳод намудани он ҷанбаи консептулаии кори таҳқиқотии муаллифро нишон медиҳад.

Муҳтавои асосии таҳқикот дар 7 конференсияи байналмилалию ҷумҳуриявӣ, 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 монография ба табъ расидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо холӣ нест. Онҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:

1. Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳқиқи низоъҳои обӣ сабабу омилҳои асосии сар задан ва роҳу василаҳои пешгирӣ ва ҳалли онҳоро ба таври васеъ шарҳ додааст. Аммо, дар мисоли пешгирии ихтилофҳо ва низоъҳои вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ истифодаи кадом консепсияи ҷаҳонӣ мувофиқи мақсад аст ва чигуна аз он бояд истифода кард нуқтаи назари муаллиф равшан нест.

2. Дар кори диссертатсионӣ доир ба роҳу василаҳои ҳалли мушкилоти об дар сатҳи байнидавлатию минтақавӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод ва тавсияҳои зиёди илман асоснокшуда пешниҳод карда шудааст, аммо барои ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар сатҳи маҳал пешниҳоду тавсияҳои зарурӣ дида намешавад.

3. Муаллифи диссертатсия мақоми байналмилалии Тоҷикистонро дар пешбурди масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи байналмилалӣ ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Аммо, мақоми кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ дар пешбурди масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи байналмилалӣ норавшан мондааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсия таҳқиқоти илман асоснокшуда ва ба таври мантиқӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам намегардонанд.

Диссертатсияи Қувватзода С.З. ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар ҳалли масъалаи мушаххаси илмӣ, таҳқиқи сиёсати об нишон медиҳад.

Диссертатсияи Қувватзода С. З ба талабот доир ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Такризи мазкур ба талаботи бандҳои 71-72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ____________________А. Ибодуллозода


Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
тел :+992 90-734-50-50 www: tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj


Имзои А. Ибодуллозодаро тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ____________________ А. Мустафозода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС